آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

18 сентябри соли 2024 Чоршанбе № 75 (15086)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ЗАРУРАТИ РУШДИ ШАРИКИИ АМАЛИИ БАЙНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ОЛМОН ТАЪКИД ГАРДИД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар ҳамоиши дуюми «Осиёи Марказӣ – Олмон», ки 17 сентябр дар Остона баргузор шуд, ширкат кард.

Дар чорабинӣ, ки таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев баргузор шуд, ҳамчунин Канслери Федералии Олмон Олаф Шолс, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов ширкат доштанд.

Масъалаҳои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои гуногунҷанбаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон баррасӣ гардиданд. Ба рушди шарикӣ дар бахшҳои сармоягузорӣ ва технология, ашёи хоми муҳим, энергетикаи «сабз», робитаҳои нақлиётию логистикӣ, мубориза бо тағйирёбии иқлим, инчунин татбиқи барномаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуданд.

Президенти Ӯзбекистон дар суханронии худ ба дастгирии қавӣ ва доимии Олмон аз дигаргуниҳои демократӣ ва ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, шарикӣ ва ҳамгиро дар минтақа баҳои баланд дод.

– Мулоқоти аввал дар Берлин ва чорабинии имрӯза бори дигар зоҳир намуд, ки дар солҳои охир дар минтақа ба амал омадааанд, ба вусъати пурзӯри ҳамкории ба ҳамдигар фоидабахш мусоидат мекунанд.

Президенти Ӯзбекистон ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи Осиёи Марказӣ ва Олмон як қатор ташаббусу пешниҳодҳои нав ба миён гузошт.

Сарвари Ӯзбекистон, пеш аз ҳама, ба роҳандозии шарикии стратегии минтақавӣ миёни Осиёи Марказӣ ва Олмон баҳои баланд дода, пешниҳод намуд, ки Консепсияи рушди шарикӣ бо чорабиниҳои барномавӣ дар самтҳои афзалиятнок қабул карда шавад.

Барои таҳияи ин ҳуҷҷат зарурати таъсиси Форуми марказҳои таҳлилии «Осиёи Марказӣ – Олмон» бо баргузории ҷаласаи нахустини он соли оянда дар Хива зикр гардид.

Инчунин нақши муҳими вохӯриҳои солонаи сарони вазоратҳои корҳои хориҷии кишварҳо дар таҳияи рӯзномаи нишастҳо қайд гардид.

Ба роҳ мондани шарикии сармоягузорӣ ва технологӣ бо ширкатҳои пешрафтаи Олмон вазифаи устувор ба ҳисоб меравад.

Дар робита ба ин пешниҳод шуд, ки «харитаи роҳ» барои тавсеаи ҳамкориҳои сармоягузорӣ ва технологӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон таҳия карда шавад, ширкат ва бонкҳои пешрафтаи олмонӣ барои татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар минтақа фаъол ҷалб карда, Шӯрои сармоягузорон ва соҳибкорони «Осиёи Марказӣ ва Олмон» таъсис дода, инчунин имкониятҳои қабули созишномаи бисёрҷонибаи байниҳукуматӣ оид ба ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи сармоягузориҳо мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

Ҳамкорӣ дар соҳаи ашёи хоми муҳим дар асоси ҷорӣ намудани дониш ва технологияҳои пешрафтаи Олмон ҳамчун самти ояндадор қайд карда шуд.

– Сухан дар бораи лоиҳаҳои корҳои иктишофии геологӣ, азхудкунии интенсивӣ, коркард ва истеҳсоли маҳсулоти арзиши иловагиаш баланд, ташкили интиқол ба Олмон ва дигар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо меравад, – гуфт роҳбари давлат.

Омодагии Ӯзбекистон дар татбиқи муштараки чунин лоиҳаҳо дар кишварҳои ҳамсоя таъкид гардид.

Илова бар ин, ба ҷалби кумаки техникӣ аз Олмон дар татбиқи Барномаи таҳияи харитаҳои рақамии конҳои кашфшудаи маъданҳои муҳим ва металлҳои нодири замин дар минтақа изҳори ҳавасмандӣ карда шуд. Аҳамияти фароҳам овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқии чунин ҳамкорӣ низ таъкид гардид.

Ҳамкорӣ дар соҳаи энергетикаи «сабз» аҳамияти хоса дорад.

– Дар солҳои охир дар тамоми кишварҳои мо энергетикаи офтобӣ, шамолӣ ва гидроэнергетикӣ фаъолона рушд карда, неругоҳҳо ва шабакаҳои гармидиҳӣ модернизатсия шуда, лоиҳаҳои гидрогени «сабз» пешбарӣ мешаванд, – изҳор намуд сарвари Ӯзбекистон.

Сарвари давлат пешниҳод кард, ки муколамаи энергетикӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон бо ҷалби вазоратҳои энергетика, корпоратсияҳои бузург, операторҳо, созмонҳои илмӣ ва коршиносони соҳа роҳандозӣ карда шавад.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР ҲАМОИШИ ДУЮМИ «ОСИЁИ МАРКАЗӢ – ОЛМОН»

Муҳтарам сарони ҳайатҳо!

Хеле хурсандам, ки шуморо хайрамақдам мегӯям.

Ба суханони миннатдорӣ нисбати Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон муҳтарам Қосим-Ҷомарт Кемелевич Тоқаев барои қабули самимӣ ва ташкили зебои мулоқоти мо ҳамроҳ мешавам.

Аз Сарвазири муҳтарами Олмон ҷаноби Олаф Шолс барои ҳамраъияш нисбати вусъат додани шарикии бисёрҷанба бо кишварҳои минтақаи мо сипосгузорам.

Мулоқоти аввалин дар Берлин ва ҳамоиши кунунӣ кайфияти умумии моро бобати идома додани гуфтушуниди ошкорову пурмуҳтаво, саъю кӯшиш бинобар муваффақ шудан ба натиҷаҳои мушаххасу амалӣ бори дигар собит менамоянд. Мо аз гузаронидани мулоқоти мунтазам дар ин шакл, бо ташаккул додани механизмҳои коркарди коршиносӣ ва татбиқ намудани ташаббусҳои пешгузошташуда манфиатдор мебошем.

Муҳтарам ҷаноби Сарвазир!

Мо ба дастгирии ҷиддӣ ва мунтазами Олмон бобати татбиқсозии дигаргуниҳои демократӣ ва ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишварҳоямон, ҳамкорӣ ва қаробат дар Осиёи Марказӣ баҳои баланд медиҳем.

Қайд менамоям, ки муносибатҳои мо решаҳои амиқи таърихӣ доранд. Ҳанӯз дар асри XVIII оҳангсози машҳури даврони Маърифат Гендел яке аз беҳтарин асарҳои худ – операи «Темирлан»-ро офарида буд. Шоир ва файласуфи бузург Гёте як қатор асарҳои машҳури худро ба шаҳрҳои қадимаи мо – марказҳои тамаддун бахшидааст.

Боз як санади таърихиро зикр мекунам.

Дар ибтидои асри XX як гурӯҳ ҷавонони соҳибистеъдоду пешқадам аз кишварҳои Осиёи Марказӣ дар донишгоҳҳои машҳури Олмон таълим гирифтаанд ва минбаъд дар пешбурди ғояҳои маърифат ва рушди иҷтимоиву иқтисодии минтақаи мо саҳми бузург гузоштанд.

Таъкид мекунам: алҳол мо ба Олмон ба сифати яке аз шарикони муҳими худ бобати муваффақшавӣ ба мақсадҳои миллии рушди устувор баҳо медиҳем.

Мехоҳам ба дигаргуниҳои амиқу пурмуҳтаво, ки солҳои охир дар Осиёи Марказӣ ба вуқӯъ мепайвандад, мухтасар таваққуф намоям.

Мо мулоқоти ошкоро ва пурмазмунро ба роҳ гузоштем, бисёр мушкилотро, ки ба сарҳадҳо, об, энергетика, савдо, транзит алоқаманд мебошанд, мустақилона ҳаллу фасл менамоем. Ба наздикӣ дар ин ҷо, дар Остона мулоқоти бинобар шумораааш аллакай шашуми сарони давлатҳои минтақаро баргузор кардем.

Мавқеи минтақа ба сифати субъекти байналмилалӣ мустаҳкам мегардад, ҳамкорӣ бо кишварҳои машҳури ҷаҳон дар шакли «Осиёи Марказӣ плюс» вусъат пайдо мекунад.

Нишондиҳандаҳои мубодилаи моли дохилиминтақавӣ, сармояҳо, боркашонӣ, сафарҳои сайёҳии шаҳрвандони мо чандин карат афзуданд. Мо лоиҳаҳои бузурги минтақавиро дар соҳаҳои энергетикаи «сабз» ва рушди коммуникатсияҳои нақлиётӣ баррасӣ менамоем. Таҷриба ва технологияҳои якдигарро ба ҳам мебинем, корхонаҳои замонавиро дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ ташкил мекунем, воситаҳои молиявии рағбатноксозии кооператсияи лоиҳавиро ҷорӣ менамоем.

Аз ҳама муҳимаш, дақиқ дарк месозем, ки ояндаи минтақа, амният ва рушди устувори куллан аз ирода ва саъю кӯшишҳои сиёсии мо вобаста мебошад.

Мо рағбати шарикони аврупоӣ, пеш аз ҳама, Олмонро ба сифати ташаббускори асосии барномаҳои стратегиву бисёрҷанбаи Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳамкорӣ бо кишварҳоямон самимона дастгирӣ мекунем.

Соли оянда барои дар Ӯзбекистон баргузор кардани ҳамоиши навбатӣ дар шакли «Осиёи Марказӣ – Иттиҳоди Аврупо» тайёрӣ мебинем, мавзӯи асосиро барои ин мулоқот сармояҳо барои ояндаи минтақа муайян кардаем.

Ҳамкорони муҳтарам!

Зиддиятҳо ва ҷангҳо, умуман номуътадилии ҷаҳонӣ ва номуайянии рушди вазъият, сиёсати санксионӣ, пурзӯр шудани протексионизм ва бисёр омилҳои дигар ба кишварҳои мо таъсири бағоят нохуш мерасонанд, бобати татбиқ сохтани ислоҳоти миллӣ мушкилоти ҷиддӣ мегарданд.

Ба қарибӣ, ҳангоми гуфтушунидҳо дар Самарқанд ман бо муҳтарам ҷаноби Шолс умедвории зиёди худро аз мулоқоти имрӯза иброз доштам.

Вобаста ба ин мехостам нуқтаи назари худро нисбати самтҳои асосии рушди ҳамкорӣ бо Олмон дар Осиёи Марказӣ изҳор намоям.

Якум. Мо ба истиқрори шарикии стратегии минтақаи Осиёи Марказӣ ва Олмон, ки ба манфиатҳои умумии таъмин сохтани эътидол, рушди устувор ва пешрафти минтақа ҷавобгӯ мебошанд, баҳои баланд медиҳем.

Қабул шудани Консепсияи дарозмуҳлати рушди шарикии моро бо чорабиниҳои барномавӣ дар соҳаҳои афзалиятнок мувофиқи мақсад меҳисобем.

Барои коркарди ҳуҷҷати мазкур имконияти таъсис додани Анҷумани марказҳои таҳлилии «Осиёи Марказӣ – Олмон»-ро пешниҳод мекунем. Омода ҳастем ҷамъомади аввалини онро соли оянда дар Хива – яке аз шаҳрҳои таърихии минтақа, ки замоне қабилаи азими немисҳо – меннонитҳо зиндагӣ мекарданд, баргузор намоем.

Дар тайёр кардани рӯзномаи ҳамоишҳои мо мулоқоти ҳарсолаи сарони идораҳои сиёсати хориҷии кишварҳоямон нақши муҳим доранд.

Дуюм. Шарикии сармоявӣ ва технологӣ бо ширкатҳои пешқадами Олмон.

Мехоҳам қайд намоям, ки маҷмӯи лоиҳаҳои татбиқшаванда ва пешбинишуда дар Ӯзбекистон бо иштироки ширкатҳои олмонӣ аз 20 миллиард евро зиёд мебошад. Онҳо як қатор самтҳо, аз ҷумла энергетика соҳаҳои кимиё ва истихроҷ, мошинсозӣ, саноати дӯзандагӣ ва озуқаворӣ, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва логистика, истеҳсоли маводи сохтмонро дар бар мегиранд.

Дар байни ҳамкорони мо ширкатҳои машҳури Олмон, аз ҷумла «Сименс», «Линде», «БАСФ», «МАН», «Клаас», «Хенкел», «Кнауф» ва дигар ҳастанд, ки тӯли чанд соли охир ба иқтисодиёти Ӯзбекистон такрибан 6 миллиард евро сармоя гузоштанд.

Имрӯз мо имкон дорем нақшаҳои минбаъдаро бо намояндагони тиҷорати немис муҳокима намоем.

Бо мақсади инкишоф додани шарикии корӣ пешниҳод мекунам, ки: «харитаи амалиёт»-и вусъат додани ҳамкориҳои сармоявӣ ва технологии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон таҳия шавад; ширкат ва бонкҳои машҳури Олмон ба татбиқсозии лоиҳаҳо дар минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ва саноатии ҳудудҳои сарҳадӣ, лоиҳаҳои бузурги инфрасохтории дорои аҳамияти минтақавӣ ҷалб карда шаванд, майдони доимии мулоқоти тиҷоратӣ – Шӯрои сармоягузорон ва соҳибкорони «Осиёи Марказӣ ва Олмон» бо соли оянда дар Ӯзбекистон дар доираи Форуми сармоягузории Тошканд баргузор намудани мулоқоти аввалин ташкил карда шавад; имконияти қабул намудани шартномаи бисёрҷанбаи ҳукуматӣ дар бораи рағбатноксозӣ ва ҳифзи сармояҳо омӯхта шавад.

Сеюм. Шарикӣ дар соҳаи захираҳои камчини ашёи хом дар пояи ҷорӣ намудани донишҳо ва технологияи пешқадами Олмон.

Тавре таъкид шуд, минтақаи мо аз канданиҳои фоиданок ғанӣ мебошад.

Оҷонсии захираҳои менералии немис ва ширкатҳои Олмон метавонанд дар ин соҳа шарикони асосии мо бошанд. Сухан дар бораи лоиҳаҳои кофтукови геологӣ, зудазхудкунӣ, коркард ва истеҳсоли маҳсулот бо арзиши баланди иловагӣ, ба роҳ мондани боркашонӣ ба Олмон ва кишварҳои дигари Иттиҳоди Аврупо меравад. Ӯзбекистон барои якҷо татбиқ намудани чунин лоиҳаҳо бо кишварҳои ҳамсоя тайёр аст.

Ҷалби кумакҳои техникии Олмон ва коркарди Барномаҳо доир ба созмон додани харитаҳои рақамии конҳои ошкоршудаи минералҳои камчин ва филизоти нодири заминӣ дар минтақа ояндадор ба шумор мераванд.

Мо ташаккул додани пойгоҳи муҳтамади ҳуқуқии чунин ҳамкориро муҳим меҳисобем.

Чаҳорум. Энергетикаи «сабз». Солҳои охир тамоми кишварҳои мо энергетикаи офтобӣ, бодӣ ва обиро фаъолона инкишоф медиҳанд, истеҳсоҳо ва шабакаҳои гармиро бозсозӣ мекунанд, лоиҳаҳои гидрогени «сабз»-ро пешниҳод менамоянд.

Мо баррасии имконияти ба роҳ мондани Мулоқоти энергетикии кишварҳои Осиёи Марказиро бо Олмон, бо ҷалби вазоратҳои энергетика, корпоратсияҳо, операторон, ташкилоти илмӣ, идораҳои лоиҳавӣ ва коршиносони соҳаҳо пешниҳод мекунем.

Аз тайёр кардани Барномаи маҷмӯии баланд бардоштани иқтидори мутахассисон дар соҳаи иқтисодиёти камуглерод бо ҷалби кумакҳои техникии Олмон манфиатдор мебошем.

Панҷум. Таваҷҷуҳи муштарак нисбати тағйирёбии иқлим.

Коршиносон пешбинӣ менамоянд, ки минтақаи Осиёи Марказӣ нисбати тобоварӣ ба оқибатҳои гармшавии ҷаҳонӣ аз ҳама заифтар мебошад. Баландшавии ҳарорати миёна аз нишондиҳандаҳои миёнаи ҷаҳон ду баробар зиёд аст.

Аз ҷониби Олмон барои ба роҳ мондани қисми дуюми барномаи «Осиёи Марказии сабз», ки дар татбиқсозии лоиҳаҳои экологӣ кумак мерасонад, миннатдорем. Мо аз баргузор кардани барномаҳои муштараки таълимӣ ва мубодилаҳои илмӣ дар пойгоҳи Донишгоҳи омӯзиши муҳити атроф ва тағйироти иқлими Осиёи Марказӣ, қабул шудани барномаи ҳамкорӣ оид ба ҷорӣ кардани технологияҳои истифодаи сарфакоронаи оби немис, бозсозии низомҳои ирригатсионӣ, нигоҳ доштани гуногунрангии биологӣ, тайёр кардани мутахассисон-экологҳо манфиатдор ҳастем.

Мо иштироки фаъолонаро дар татбиқи амалии ташаббусҳои Сарвазири Олмон бобати созмон додани шарикии табиии Осиёи Марказӣ дастгирӣ мекунем.

Шашум. Бобати амиқсози шарикии мо рушди сусти коммуникатсияҳои нақлиётӣ, аз ҷумла боркашониҳои рӯйизаминиву ҳавоӣ монеаи азимтарин ба шумор мераванд.

Дар ҷалби идораҳои Аврупо ба инкишоф додани гузаргоҳҳои муқобили нақлиётӣ, ки Осиёи Марказиро бо Аврупо муттаҳид менамоянд, ба кумакҳои Олмон умед мебандем. Соли оянда гузаронидани конфронси муштараки вазоратии дарёфти роҳҳои баланд бардоштани иқтидори транзитии чунин хатсайрҳоро пешниҳод менамоем.

Муҳтарам сарони ҳайатҳо!

Намоишгоҳи мероси фарҳангиву таърихии минтақаи мо дар Осорхонаи нави Берлин, ки соли гузашта баргузор гардид, бори дигар зарурияти мунтазам ташкил намудани чунин чорабиниҳоро собит кард. Тули чанд моҳи кори намоишгоҳ онро беш аз ним миллон сокинон ва меҳмононо пойтахти Олмон тамошо карданд.

Мо ҷонибдори қабул гардидани Нақшаи муштараки чорабиниҳои фарҳангӣ дар кишварҳоямон ҳастем, пешниҳод мекунем имконияти баргузор намудани Рӯзҳои санъат ва кинои Осиёи Марказӣ дар шаҳрҳои бузурги Олмон баррасӣ карда, ҳамкории бунёдҳои осорхонавӣ ба роҳ монда шаванд.

Дар соҳаи мубодилаи илмиву таълимӣ ба роҳ мондани платформа барои шарикии мактабҳои машҳури олӣ, коркарди барномаҳо оид ба вусъат додани ҳамкорӣ дар соҳаи таълими дуалӣ, тайёр кардани омӯзгорони забони немисӣ бо ҷалби Пажӯҳишоги Гёте ва ташкилоти дигари Олмонро рӯзмарра меҳисобем.

Ғалабаи мактаббачагони Ӯзбекистон дар Олимпиадаи умумиҷаҳонӣ, ки тобистони ҷорӣ дар Гёттинген баргузор шуд, шаҳодати рағбати баланди ҷавонони мо ба омӯхтани забони немисӣ аст.

Ҳамкорони муҳтарам!

Идома додани ҳамкории қаринро бинобар масъалаҳои мубориза бо терроризм, экстремизм ва ҷиноятҳкории киберӣ, пешгирии ҷавонон аз радикализмро муҳим мешуморем.

Вазъият дар соҳаи амнияти Осиёи Марказӣ бо ҷараёнҳое, ки дар Афғонистон ба вуқӯъ мепайванданд, алоқаи зич дорад. Роҳ надодан ба бухрони инсонпарвариро дар кишвари мазкур, ки алҳол бо мушкилоташ амалан танҳо ба танҳо мондааст, рӯзмарра меҳисобем.

Вобаста ба ин тайёрем бо Олмон ва шарикони дигари аврупоӣ бинобар татбиқ сохтани лоиҳаҳои муштараке, ки ба ҷалби ин кишвар барои ҳамкории иқтисодии минтақавӣ, дар пойгоҳи Маркази таълимии шаҳри сарҳадии Тирмиз омода кардани кадрҳо, аз ҷумла духтарон ва занон, бинобар ихтисосҳое, ки барои ҳаёти ороми Афғонистон заруранд, ҳамкорӣ кунем.

Дар анҷоми суханронии худ мехостам таъкид намоям, ки Ӯзбекистон аз беш аз пеш истифода бурдани имконияти ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Олмон бо минтақаи Осиёи Марказӣ манфиатдор мебошад.

Муъталиҳидам, ки мулоқоти кунунӣ ба қаробати минбаъдаи кишварҳо ва халқҳои мо хидмат мекунад, ба сарпур сохтани шарикии стратегии мо бо лоиҳа ва барномаҳои мушаххас имкон фароҳам меоварад.

НАЗАРИ ТОЗАИ ОЛМОН БА ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ – ИН ВОҚЕИЯТИ ОБЪЕКТИВӢ

Коршиносон ва роҳбарони созмонҳои байналхалқӣ натиҷаҳои гуфтушуниди Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Сарвазири ҶФО Олаф Шолсро, ки 15-16 сентябр дар Самарқанд баргузор шуд, барои оҷонсии иттилоотии «Дунё» тавзеҳ доданд.

Роҳбари лоиҳаҳо оид ба Русия ва Авроосиёи Пажӯҳишгоҳи байналхалқии тадқиқоти стратегӣ (IISS) Найҷел Гулд-Дэвис (Британияи Кабир):

Муносибатҳои байни Ўзбекистон ва Олмон рушди хуби пешрафтро намоиш медиҳанд ва, ба фикри ман, ба сатҳи нави стратегӣ баромаданд. Олмон нафақат шарики муҳими иқтисодӣ, балки иттифоқчии Ўзбекистон дар роҳи саъю кӯшишҳои вай бобати таҳкими истиқлол ва озодӣ дар партави таҳдидҳои мураккаби байналхалқӣ ба шумор меравад.

Аҳамияти геосиёсии Ўзбекистон ба сифати кишвари асосии Осиёи Марказӣ мунтазам меафзояд, ҳамкориҳои он бо Олмон метавонад дар таъмини эътидоли минтақа нақши калидӣ бозанд. Дар шароите, ки вазъи арсаи байналхалқӣ торафт шадидтар мегардад, Олмон барои Ўзбекистон шарики муътамадест, ки ба вусъатдиҳии қутбҳои иқтисодиву сиёсии ҷумҳурӣ кумак мерасонад. Ба ин маънӣ фаъолтар кардани робитаҳо дар сатҳи олӣ – барои ҷомеаи байналхалқӣ иқдоми муҳим бобати саъю кӯшишҳои Ўзбекистон бинобар мустаҳкам кардани мавқеи хеш дар сиёсати ҷаҳонӣ аст.

Ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Олмон – ин нафақат сармояҳо, балки инчунин саҳм дар пешрафти стратегии Ўзбекистон мебошад. Дар шароити номуайянии умумӣ ва тағйирёбии силсилаи борасонӣ шарикии қарин ба Ўзбекистон имкон медиҳад амнияти иқтисодияшро мустаҳкам кунад ва инфрасохтори хешро бозсозӣ намояд, ба ин тариқ манфиатҳои дарозмуҳлатро барои ҳар ду кишвар таъмин созад.

Робитаҳои фарҳангӣ ва маърифатии байни кишварҳо дар ташаккулдиҳии табақаи зиёӣ, ки қодир аст таҳдидҳои минбаъдаи ҷаҳониро ҳаллу фасл намояд, нақши муҳим мебозанд. Рушди механизмҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ки дар байни халқҳо қаробати иқтисодӣ ва инсондӯстонаро мустаҳкам мекунад, низ аҳамияти махсус пайдо менамояд.

Ман бовар дорам, ки ташрифи Сарвазир Олаф Шолс нафақат ба ҳамкориҳои тарафайни иқтисодиву фарҳангӣ, балки ба мулоқоти сиёсӣ низ такони нав мебахшад, мавқеи Ўзбекистонро ба сифати шарики муҳими Олмон дар Осиёи Марказӣ мустаҳкам менамояд.

Муовини котиби генералии Иттиҳоди Куандун оид ба ҳамкориҳои байналхалқии илмиву техникӣ бо кишварҳои ИДМ Чжан Чензӣ (ҶМЧ):

– Мулоқоти навбатии Президенти Ўзбекистон ва Сарвазири Олмон, ки 15-16 сентябр дар Самарқанд ба вуқӯъ пайваст, ҳамчунин баргузор шудани чорабиниҳои тичоративу иқтисодӣ эътидол ва бисёрҷанбагии рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои амалии ўзбекистониву олмониро намоиш доданд.

Мо ҳама шоҳиди он мебошем, ки алҳол Олмон аз ҷумлаи шарикони асосии Ўзбекистон дар пешрафти шарикии бисёрҷанбаву дарозмуҳлат бо Аврупо ба шумор меравад. Солҳои охир алоқаҳои мунтазам дар сатҳи олӣ ва тадбиқсозии ҳамешагии шартномаҳои дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ба имзорасида вусъати амалии ҳамкориҳои муфиди тарафайнро таъмин карданд.

Мулоқоти муштараки Президенти Ўзбекистон ва Сарвазири Олмон бо намояндагони ширкат ва бонкҳои пешқадами ду кишвар, ки дар он масъалаҳои дастгирии ширкатҳои олмонӣ мувофиқи бартариҳои асосии рушди Ўзбекистони Нав бобати боҳосилии иқтисодиёт баррасӣ гардиданд, рағбати тарафайни сарони давлат ва бисёрҷанбагии рушди саноатии иқтисодиёти Ўзбекистонро собит менамоянд.

Муҳтақидам, ки кооператсияи амиқи саноатии байни ширкатҳои Ўзбекистон ва Олмон дар соҳаҳои зерин чун энергетикаи «сабз», кимиё, мошинсозӣ, саноати электротехника ва бофандагӣ барои ҳар ду ҷониб муфид хоҳад буд.

Коршиноси Миср, сармуҳаррири оҷонсии иттилоотии «SadaElBalad» Муҳаммад Вадеъ:

– Бо вуҷуди шароити мураккаби геосиёсӣ, роҳбарияти Ўзбекистон ҳамкориҳои муфиди тарафайн ва пойдорро бо тамоми шарикони хориҷиаш инкишоф медиҳад. Ба имзо расидани муоҳидаҳои дуҷониба дар ҷараёни сафари Сарвазири Олмон Олаф Шолс 15-16 сентябр дар Самарқанд ва гуфтушунидҳо бо Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев шаҳодати навбатии ин гуфтаҳо мебошанд.

Баргузор кардани вохӯриҳои сарвари Ўзбекистон бо намояндагони тичоратии кишварҳои хориҷӣ ҳангоми сафарҳои хориҷӣ ё худ дар мавриди қабули ҳайатҳои дараҷаи олӣ дар Ўзбекистон, ҳамчунин ташкил намудани анҷуманҳои тичоратӣ ба анъана табдил ёфтаанд. Натиҷа равшан аст: дар мамлакат миқдори сармоягузорон меафзояд, лоиҳаҳои пешомаднок дар соҳаҳои мухталиф татбиқ мегарданд, содироти маҳсулоти миллӣ зиёд мешавад.

Яке аз воқеаҳои назарраси ташрифи зикршуда ба имзо расидани муоҳидаи байниҳукуматӣ бинобар шарикии бисёрҷанба дар соҳаи муҳоҷират гардид, ки имкон медиҳад сафари шаҳрвандони Ўзбекистон ба Олмон дар асоси қонунӣ ва тартиби расман бо шуғл фаро гирифтани онҳо содатар карда шавад.

Директори иҷрогари Пажӯҳишгоҳи тадқиқотии «KingsleyStrategicInstitute»-и Малайзия Макс Сей:

– Сафари Сарвазири Олмон Олаф Шолсро ба Ўзбекистон бояд ба сифати иқдоми муҳим бобати таҳкими ҳамкориҳои дуҷониба ва амиқсозии робитаҳои иқтисодӣ пазирӯфт.

Олмон кайҳо боз шарики муҳими тичоратӣ барои Ўзбекистон ба шумор меравад ва сафари қунунӣ ба рушди минбаъдаи ин муносибатҳо мусоидат хоҳад кард. Аз ҷумла, дар нимаи аввали соли 2024 ҳаҷми савдои байни ду давлат 506,3 миллион долларро ташкил дод. Эътибори асосӣ ба лоиҳаҳо дар соҳаҳои энергетика, инфрасохтор ва технологияҳо нигаронида мешавад, ки метавонанд ҷолибияти сармоявии минтақаро барои ширкатҳои олмонӣ хеле беҳтар кунанд.

Дар ин маврид баррасии масъалаҳои ҳамкории сиёсӣ ва амиқсозии шарикии стратегӣ бори дигар муҳимияти Ўзбекистонро дар стратегияи геосиёсии Олмон таъкид менамояд.

Мехоҳам махсус зикр кунам, ки дар доираи сафар тақрибан 10 ҳуҷҷати дуҷониба, аз ҷумла Баённомаи муштарак ба имзо расиданд, Барномаи оид ба шарикии технологии кооператсияи саноатӣ барои солҳои 2024-2026 қабул гардид. Бовар дорам, ки ин муоҳидаҳо ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, беҳсозии логистика ва мубодилаи таълимӣ мусоидат ҳоҳанд кард.

Боз як ҷиҳати муҳими сафар ин имзо шудани шартнома дар бораи муҳоҷират гардид, ки ба сабуктар сохтани муҳоҷирати кормандони малакадори Ўзбекистон ба Олмон нигаронида шудааст.

Умуман, боэътимод метавон гуфт, ки муносибатҳои байни Ўзбекистон ва Олмон солҳои охир ба сифати нав, ба дараҷаи беш аз пеш баланди ҳусни тафоҳум ва эътимод бардошта шуданд. Ба ин маънӣ ташрифи Сарвазири Олмон ба Ўзбекистон дар роҳи таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба ва рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои асосӣ қадами муҳим ба шумор меравад, ки ба манфиатҳои дарозмуҳлати ҳар ду мамлакат ва тамоми минтақа мусоидат менамояд.

Корманди илмии Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Виктор Ким:

– Иртиботи ўзбекистониву олмонӣ аз рӯзи истиқрори муносибатҳои дипломатӣ ҳамеша боэътидол ва боэътимод буданд. Робитаҳо бобати фаъолтар намудани ҳамкориҳои дуҷониба аз моҳи январи соли 2019, аз замоне, ки Президент Шавкат Мирзиёев аввалин сафари расмии худро ба Олмон баргузор намуд, оғоз ёфтанд. Моҳи майи ҳамон сол ташрифи ҷавобии Президенти федералии ҶФО Франк-Валтер Штайнмайер ба Ўзбекистон баргузор шуд. Ин сафарҳои тарафайн ба ҳамкориҳои байни Ўзбекистон ва Олмон – муносибатҳои эътимодбахш оғоз бахшиданд.

Сафари расмии Сарвазири Олмон Олаф Шолс ба Ўзбекистон, ки ўро Президенти Ўзбекистон дар майдони Регистон истиқбол намуд, тасдиқи равшани сатҳи нави муносибатҳои дўстонаи байни сарони давлатҳо ба шумор меравад.

Ўзбекистон Олмонро ба сифати ҳамкори стратегии ҳам дуҷониба ва ҳам рушди шарикии бисёрҷанбаву дарозмуҳлати ҳамешагии ҳуд дар Иттиҳоди Аврупо мешиносад.

Барои Олмон низ пешбурди муносибатҳо бо Ўзбекистон аз ҷумлаи самтҳои пешомаднок дар Осиёи Марказӣ дониста мешавад.

Барои ин тамоми асосҳо мавҷуданд. Ҳаҷми мубодилаи мол тўли солҳои охир мунтазам аз 1 миллиард доллар зиёд мебошад. Олмон аз ҷумлаи 10 шарики бузургтарини сармоявӣ ва тичоратии Ўзбекистон аст. Шўрои корчаллонии олмониву ўзбекистонӣ бомуваффақият фаъолият дорад. Барои фаъолияти ширкатҳои хориҷӣ дар Ўзбекистон муҳити мусоиди сармоявӣ фароҳам оварда шудааст.

Назари тозаи Олмон ба Ўзбекистони Нав ин воқеияти объективӣ мебошад. Сафари Сарвазири Олмон ба Ўзбекистон ва муоҳидаҳои баимзорасида ба муносибатҳои дуҷониба нирўи нав мебахшанд, онҳо ниятҳои ҷиддии Олмонро бобати вусъат додан ва амиқтар намудани муносибатҳои дуҷониба бо Ўзбекистони Нав собит менамоянд.

АИ «Дунё».

ЗАРУРАТИ РУШДИ ШАРИКИИ АМАЛИИ БАЙНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ОЛМОН ТАЪКИД ГАРДИД

⇦ (Аввалаш дар саҳ.1).

Ба омода намудани Барномаи маҷмӯгии баланд бардоштани иқтидори мутахассисони соҳаи иқтисодиёти камкарбон бо ҷалби кумаки техникии Олмон таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд.

Вокуниши муштарак ба тағирёбии иқлим аҳамияти махсус дорад.

Ба ин муносибат, пешниҳод гардид, ки барномаҳои муштараки таълимӣ ва табодули илмӣ дар заминаи Донишгоҳи Осиёи Марказӣ оид ба омӯзиши муҳити зист ва тағирёбии иқлим, инчунин қабули барномаҳои ҳамкорӣ оид ба ҷорӣ намудани технологияҳои олмонии истифодаи оқилонаи об, навсозии системаҳои ирригатсионӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ, тайёр кардани мутахассисони экологӣ васеъ гардонда шавад.

Дастгирӣ ва омодагӣ барои иштироки фаъол дар татбиқи амалии ташаббуси Канслери Олмон оид ба таъсиси шарикии табиии Осиёи Марказӣ изҳори назар карда шуд.

– Монеаи калонтарин дар роҳи амиқсозии шарикии мо рушди сусти коммуникатсияҳои нақлиётӣ, аз ҷумла нақлиёти заминӣ ва ҳавоӣ мебошад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Дар робита ба ин вай ҷониби Олмонро даъват кард, ки дар ҷалби ниҳодҳои аврупоӣ ба рушди долонҳои алтернативии нақлиётӣ, ки Осиёи Марказиро бо Аврупо мепайвандад, мусоидат намояд.

Сарвари давлат пешниҳод кард, то соли 2025 конфронси муштараки вазирон оид ба ҷустуҷӯи роҳҳои баланд бардоштани иқтидори транзитии чунин масирҳо доир карда шавад.

Президенти Ўзбекистон талаботро ба рушди ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ қайд карда, қабули Нақшаи чорабиниҳои муштараки фарҳангӣ, баргузории Рӯзҳои санъат ва синамои Осиёи Марказӣ дар шаҳрҳои бузурги Олмон, ба роҳ мондани робитаи байни фондҳои осорхонаҳоро ҷонибдорӣ намуд.

Дар самти табодули илмию таълимӣ аҳамияти роҳандозии платформаи шарикӣ байни мактабҳои олии пешрафта, таҳияи барномаҳои густариши ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилоти дуалӣ, омода намудани омӯзгорони забони олмонӣ бо ҷалби Институти Гёте ва дигар ташкилотҳои олмонӣ таъкид гардид.

Ҳамчунин зарурати идомаи ҳамкориҳои зич бо Олмон дар масъалаҳои мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва киберҷиноятҳо, пешгирии тундгарошавии ҷавонон таъкид гардид.

Сарвари Ўзбекистон қайд кард, ки вазъи амниятӣ дар Осиёи Марказӣ бо равандҳои ҷараён дар Афғонистон робитаи ногусастанӣ дорад.

– Мо пешгирии бадтар шудани бўҳрони башардўстонаро дар ин кишвар муҳим меҳисобем, ки аслан бо мушкилоти ҳуд танҳо мондааст, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Ба ин муносибат, омодагӣ ба ҳамкорӣ бо Олмон ва дигар шарикони аврупоӣ дар татбиқи лоиҳаҳои муштарак, ки ба ҷалби ин кишвар ба ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ ва омӯзиши кадрҳо дар заминаи Маркази таълимии шаҳри марзии Тирмиз, аз ҷумла духтарон ва занон оиди ихтисосҳои барои ҳаёти осоиштаи Афғонистон серталаб нигаронда шудааанд, қайд гардид.

Дар ҳамоиш инчунин сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Канслери Олмон суханронӣ карданд.

Дар ҷамъбасти чорабинӣ Изҳороти муштарак қабул гардид.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев мувофиқи барномаи ташриф ба шаҳри Остона дар вохўрии муштараки пешвоёни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва роҳбарони ширкату бонкҳои пешрафтаи Олмон иштирок кард.

Дар чорабинӣ Канслери Федералии Олмон Олаф Шолс, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Тоқаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Сердар Бердимуҳамедов ширкат намуданд.

Ба доираҳои тичоратии Олмон роҳбарони «KNAUF», «Gunter Papenburg», «CLAAS», «Siemens Energy», «Aurubis», «Ernst Klett», «Siemens Healthineers», «Herrenknecht», «DB Engineering & Consulting», «Svevind Energy», «Rhenus», «HMS Bergbau» барин ширкату бонкҳои пешқадами ин кишвар намояндагӣ карданд.

Президенти Ўзбекистон иштирокдоронро самимона табрик намуда, натиҷаҳои бомуваффақияти вохўрии самарбахшро, ки дар шаҳри Самарқанд бо соҳибкорони Олмон доир гардид, бо мамнуният қайд кард.

Натиҷаҳои музокираҳо нишон доданд, ки соҳибкорони мамлакатҳоямон ба амиқсозии ҳамкориҳои дуҷониба, татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар асоси таҷрибаи пешқадам ва ҳалли технологии инноватсионии Олмон таваҷҷуҳи бештар доранд.

Сарвари давлатамон дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ ба масъалаҳои густариши минбаъдаи шарикӣ бо Олмон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд.

Таъкид гардид, ки ҳоло минтақаи Осиёи Марказӣ чун бозори васеъ ва динамикӣ суръати рушди устувори иқтисодии худро нишон медиҳад.

Ба ин боз шудани сарҳадҳои байни давлатҳо, фароҳам гардидани шароитҳои зарурӣ барои гардиши маҳсулот дар байни минтақаҳо, сармоягузорӣ, ҳаҷми ҳамлу нақли бор, афзоиши равуои сайёҳон мусоидат намуд.

Сарвари давлатамон ба зарурати баланд бардоштани ҷозибадории сармоягузории минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кард.

Ба ин муносибат дар саммити дирӯза ташаббуси таъсиси майдони доимӣ барои мулоқоти дуҷонибаи судманд – Шўрои сармоягузорон ва соҳибкорони «Осиёи Марказӣ ва Олмон» ва дар баҳори соли оянда дар доираи Форуми сармоягузории Тошканд баргузор намудани нахустин вохўрии он ба миён гузошта шуд.

Инчунин, Сарвари давлатамон таҳияи «харитаи роҳ»-ро аз рўйи васеъсозии ҳамкории сармоягузорӣ ва технологӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон пешниҳод кард. Бо ин ҳуҷҷат метавон механизмҳои аз тарафи давлат дастгирӣ ва рағбатноксозии сармоягузории ширкатҳои Олмон, инчунин дастгирии молиявии фаъолияти онҳоро дар кишварҳои Осиёи Марказӣ фаро гирифт.

Имрӯзҳо якҷоя бо ҳамкорони минтақавӣ ва бо кумаки фондҳои сармоягузорӣ ва ширкатҳои муштарак минтақаҳои махсуси иқтисодӣ ва «ҳабҳои» саноатӣ таъсис ёфта, дар саноат, энергетикаи «сабз», кишоварзӣ лоиҳаҳои бузург татбиқ мегарданд, инфрасохтор таҷдид карда мешавад.

Бо мақсади дастгирии чунин лоиҳаҳо марказҳои пешқадами муҳандисӣ, корхонаҳои сармоягузорӣ ва саноатии кишварҳои хориҷӣ фаъолона ҷалб мегарданд.

Сарвари давлатамон ширкатҳои олмониро даъват кард, ки дар татбиқи лоиҳаҳои кооператсионии минтақавӣ бо шартҳои манфиатовари дуҷониба фаъолона иштирок намоянд.

Президенти Ўзбекистон дар поёни сухани ҳуд изҳори боварӣ кард, ки мулоқотҳои мунтазам дар ин формат бо роҳбарони ширкату бонкҳои пешрафтаи Олмон барои ҳамкориҳои мутақобилан судманди бисёрҷониба имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

Бо ҳамин ташрифи амалии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Қазоқистон анҷом ёфт.

ЎзА.

Рӯзҳои 11-14 сентябри соли равон дар Маҷмӯи намоишгоҳи миллии «Ўзэкспомарказ» понздаҳумин намоиши байналхалқии таҷҳизоту технологияи «CAITVT–2024» дар Осиёи Марказӣ баргузор гардид.

Дар он аз 22 мамлакат 403 ширкатҳои гуногун бо маҳсулоти ҳуд иштирок намуданд.

Иштирокдорон ба охирин навгониҳои таҷҳизоти бофандагию дўзандагии истеҳсолгарони номвари дунё шинос гардонда шуданд. Айни замон аз маслиҳати судманд ва дастгирии техникӣ баҳраманд гардиданд.

Назар ба таъкиди менеҷери Ширкати намоиши байналхалқии «Iteara Exhibitions» Нодира Ҳаидбоева, 87 фоизи иштирокдорон хориҷиён буданд.

Дар сурат: *лаҳзае аз намоиш.*

Суратгир: О. ПАРДАЕВ (ЎзА).

Маълум аст, ки аз 27 август то 10 сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Ал-Айни Аморати Муттаҳидаи Араб чемпионати Осиё оиди муштзанӣ байни писарон ва духтарони наврас ба амал омад ва дар он варзишгарони диёрамон ба натиҷаҳои фараҳбахш соҳиб шуданд.

ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ВАРЗИШГАРОНИ ҒОЛИБ

Байни онҳо муштзанони бухороӣ низ ҳастанд. Дар Донишкадаи давлатии тиббии Бухоро ба номи Абўалӣ ибни Сино маросими ҳавасмандгардонии ғолибон, ҷоизадорон ва устодони онҳо баргузор гардид.

Ғолибону ҷоизадорон, устодони онҳо бо мукофоти пулӣ, туҳфаҳои хотиравӣ тақдир ёфтанд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.

ХАБАРҲО

ОЗМУН-АЗНАЗАРГУЗАРОНИҲОИ КИТОБХОНӢ ОҒОЗ МЕЁБАНД

Бо мақсади таблиғи мутолиаи китоб байни хидматчиёни давлатӣ озмун-азназаргузарониҳо баргузор мегарданд.

Инак, ҳокимияти вилояти Сирдарё барои дар ду давра ташкил намудани чунин чорабинӣ таҳти шиори «Якҷо бошем – халқи ягонаем, муттаҳид шавем – Ватанем!» фармоиш баровард. Давраи аввал 10-11 октябр ба тарзи онлайн баргузор мегардад. Дар он иштирокдор ба 25 саволи тест, ки дар асоси осори адибони номвари ўзбек ва ҷаҳон мураттаб шудаанд, ҷавоб мегардонад.30 нафар иштирокдоре, ки холҳои нисбатан бештар ба даст овардааст, дар давраи финалӣ иштирок менамояд.

Давраи финалии озмун-азназаргузаронӣ 25 октябри соли равон дар «Маркази ҷавонон»-и шаҳри Гулистон баргузор мешавад. Иштирокдорон аз рӯи асарҳои бадеии хондаашон ва саволу ҷавобҳои таъҷилӣ, шарҳи китоб ва иншои эссе қувва месанҷанд.

НАХУСТНАМОИШ ДАР СТУДИЯИ «ДИДОР»

Китобҳои адиби барҷастаи дунё Габриэл Гарсиа Маркесро дар Ўзбекистон низ бо мароқ мутолиа менамоянд. Яке аз асарҳои ў «Тирамоҳи шахси бузург»-ро мутарҷими номвар, Қаҳрамони Ўзбекистон Иброҳим Ғафуров ба ўзбекӣ баргардондааст.

Дар асар сохтакорӣ ва зулму риё ба зери танқид гирифта шудааст. Дар асоси асари мазкур ҷамоаи театри «Дидор» спектакли «Афсона дар бораи инсони бузург»-ро ба саҳна гузошт. Роҳбари бадеӣ Бобур Йўлдошев. Спектаклро коргардони русиягӣ Александр Патрушев ба саҳна гузоштааст. Ҳунарпешагон Эгамбердӣ Раҳимов, Карим Мирҳодиев, Ирода Қосимова, Малика Ҳабибуллоева ва дигарон нақшҳои асосиро бозидаанд. Нахустнамоиш муваффақиятнок сурат гирифт.

ТЕННИСБОЗИ НАВРАСИ МО ДАР ҶОИ ДУВУМ

Дар шаҳри Душанбе аз рӯи таснифи J60 турнири «Tajikistan Open» баргузор ва дар он беҳтарин наврасони теннисбози дунё иштирок карданд.

Дар мусобиқаҳои тарзи чуфт ва якка теннисбозони мо ба финал баромаданд. Ҳамдиёри мо Абдулазиз Усмонхўҷаев дар баҳсҳои яккаи нимфинал аз болои рақиби чиноӣ дастболо шуд. Вале дар финал вай ба бозигари бетараф Михаил Ходорченко бозиро бохт ва ба витсе-чемпиони мусобиқа табдил ёфт.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Ба ифтихори 100-солагии «Овози тоҷик»

«ОВОЗИ ТОҶИК» – МИНБАРИ БАЛАНДИ МИЛЛАТ

Қабл аз инқилоби октябр на танҳо коргузории кохи амири аморати Бухоро, балки тамоми анвои китоб, аз дарсӣ то илмӣ ва ҳатто авроқи таблиғотии ҳаракати ислоҳхоҳии ҷавонбухориён ба забони тоҷикӣ нашр мегардид, аммо ба ҳамаи ин хотима дода шуд.

«Бухорои Шариф» нахустрӯзномаи тоҷикии таъсиснамудаи Мирзо Ҷалол Юсуфзода, Мирзо Муҳиддин ва Мирзо Сироҷ аз 11 марти соли 1912, тақрибан баъд аз даҳ моҳи фаъолият, бо амри амири вақт аз нашр боздошта шуд.

Мақоллаи тоҷикии «Шуҳлаи инқилоб», ки моҳи марти соли 1919 дар асоси аризаи форсзабонони ноҳияи Боғишамол (Самарқанд) ва бо пайгирию талошҳои Саидризо Ализода таъсис ёфту мавсуф нахустмуҳаррир, устодон Садриддин Айнию Ғуломалӣ Козимзода узви ҳайати таҳририя ва Ф. Роҷӣ хаттот буданд, мутаассифона, баъди нашри ҳамагӣ 91 шумора аз чоп монд. Дақиқтараш чопу нашри онро барои ҳамеша манъ карданд. Чаро? Айёме ҳукмравоӣ дошт, ки як идда ҳастии миллати моро бо корбурд аз василаҳои гуногун саъй мекарданд инкор бикунанд. Аламовар аст, ки раванд ҳатто боис ба гумроҳ гардидани баъзе аз аҳли зиёи тоҷик гардид ва маҳз ҳамонҳо дар манъ шудани чопу интишори мақоллаи «Шуҳлаи инқилоб» даст доштанд. Дар навиштаи «...тоҷикони Осиёи Миёна ба сабаби қаҷфаҳмии гурӯҳе аз коркунони масъули шуроӣ ва фирқагиашон аз тоҷик номидани хешу сухан гуфтан ба забони тоҷикӣ нанг медоштанд. Аз ин ҷиҳат то соли 1924 ба сивои мақоллаи «Шуҳлаи инқилоб», ки вай ҳам беш аз ду сол давом накарда, фидои (қурбони) ин каҷфаҳмиҳои коркунони масъули тоҷик гардид, дар тамоми Осиёи Миёна барои тахминан ду миллион миллати тоҷик рӯзнома ё мақоллае нашр, китобу рисолае чоп, мактабу курсе кушода нашуд» («Овози тоҷик», №100 аз 6 сентябри с. 1926), маҳз онҳо мавриди назар ҳастанд.

Пас аз инқилоби октябр, аниқтараш то соли 1924, қабл аз ба миён омадани масъалаи тақсимоти ҳудуди миллии Осиёи Миёна, (ба истиснои ҳамон «Бухорои шариф» ва «Шуҳлаи инқилоб») тоҷик на рӯзнома дошту на мақолла, ки барояш ҳамчун минбари баланди эътироз ба ёвгӯиҳои бадхоҳон хидмат намояд. Мурод нашрияи сирф тоҷикист. Зеро нашрияҳои дузабонаю сезабона («Самарқанд», «Ойина», «Кутулиш» («Раҳоӣ») буданд. Дар ин давраи бисёр ҳассос аҳли зиёи тоҷик хуб дарк кард, ки бе доштани нашрияи миллӣ наметавонад ҳадафҳои худро иброзу ба гӯши ҳамагон расонад. «Аз ин ҷиҳат тоҷикон маъюс буданд. Зеро миллате, ки рӯзнома надорад, аз олам бехабару аз зиндагии худ бебаҳра аст. Ба ҳамин сабаб, баъзе аз тоҷикон кӯшиш карданд, ки ба забони тоҷикӣ ҳам рӯзномае нашр шавад, то ки тоҷиконро аз хоби ҷаҳолат бедор карда, ба корвони тараққию маданият расонад. Вале ин фикр пеш нарафт. Пас аз чанд муддати дигар, яъне дар аввали соли 1924 Шуъбаи миллатҳои майда дар ҳузури Кумитаи Марказии Фирқаи Иштирокиюни Туркистон он фикри пешинро хеле пурманфиат дида, кӯшиш кард, ки як рӯзнома ба забони тоҷикӣ нашр карда шавад. Ба ин сабаб ин масъаларо дар музокира гузошта, ҳал карданд.

Пас аз қарордоди Кумитаи марказии фирқаи иштирокиюни Туркистон, ба вуҷуд овардани ин амр ба Кумитаи вилояти Самарқанд ҳавола карда шуда буд, ки дар он вақт котиби масъули Кумитаи вилоятӣ рафиқ Ғанихон Ҳомидхонзода буд. Дар мақлиси кумита ин масъала музокира шуда, шуъбаи тарғиботу ташфиқотро (барои) ба вуҷуд овардани ин ҷарида маъмур карданд. Муҳаррири навтаъйиншудаи ин ҷаридаро (Абдулқайюми Қурбӣ) ба шуъбаи ташфиқоту тарғибот талаб карда, бо ӯ дар хусуси харҷу даҳли ҷарида, исми ӯ ва дигар чизҳои зарурриаш гуфтугӯ карда, ба ин қарор омаданд, ки алъон муваққатан ин ҷарида ҳафтае як бор нашр шавад ва ҷойи идорааш ҳам муваққатан дар идораи ҷаридаи «Зарафшон» таъин шавад. Ин ҷарида бо ном «Овози тоҷик» номида шуд.

Ҳамаи ин қарорҳоро Кумитаи фирқаи вилоят тасдиқ кард. Рӯзе, ки ин масъала ба майдони вуҷуд баромад, дар миёни тоҷикон як сурури фавқулода пайдо шуд. Аз ҳар ҷо аҳли қалам ба интизори он буданд, ки ин ҷарида мунташир шавад ва ба (дар) ӯ аз аҳволи тоҷикон баҳс ва масъалаҳои мушкилашон ба воситаи он ҳал гардад. Хусусан, он ду рафиқи муҳтарам Ализода ва Козимзода, ки аз аввали ҷарида то ба ҳол (соли 1926) ба хидмати ӯ ҳастанд, ба (дар) нашри ин ҷарида хеле заҳматҳо кашиданд. Албатта, хидмати онон ба назди миллат шоёни таҳдир аст. Ва ҳамчунин дигар аҳли қалами тоҷикон ҳам барои ин ҷарида хидматҳои некӯ карданд. Вақте ки барои интишори ҷарида шурӯъ шуд, дар ҳамон вақт аз вилояти Фарғона ба тариқаи иъона аз рафиқи муҳтарам, Абдураҳим Ҳоҷибойзода, панҷсад сӯм гирифта шуд ва низ аз Кумитаи Марказии Туркистон 3 000 сӯм ва аз Ҷумҳурии Бухоро 2 000 сӯм гирифта шуд.

Пас аз ба роҳ мондани корҳои идора ба баровардани ин ҷаридаи тоза шурӯъ шуд. Рӯзи душанбе, 25-уми моҳи августи соли 1924 чӣ хуш рӯзест, чӣ некӯ моҳест, чӣ фархунда солест, ки барои тоҷикони маҳрумшуда аз ирфону дурафтодаи аз маданият ин ҷаридаи «Овози тоҷик» пайдо шуд. Гуё, ки ин овозест ба мисли сур, то ки тоҷиконро аз хоби ғафлат бедор кунаду ба роҳи иҷтимоӣ ҳидоят намояд. Ҳамон рӯзи 25-уми моҳи август ғулғула дар миёни тоҷикон афтод. Ҳама шодону хандон ин ҷаридаро мехонданд, хурсандии ин миллат ба хурсандии миллатҳои дигар ҳам таъсир мебахшид. Дар ин ҷо лозим аст, ки ёрирасонидагон ба ин рӯзномаро ёдоварӣ намоем, рафиқон Абдулло Раҳимбойзода, Шоҳтемур, Нисор Муҳаммад, Эшонқул Мирҷамолзода, Ҳоҷибойзода, Ҳомидхонзода, Искандар Файзулин ва ғайра (дигарон), ки ҳамагӣ ба нашри ҷарида сабаб шуданд. Зикри аҳли қалам, ки ба қалам ёрӣ расонида буданду ёрмандӣ мерасонанд, ҳоҷат ба баён нест, чунки ба хонандагони ҷарида аз оина равшантар аст.

Аммо ёрмандии як рафиқи муҳтарамро зикр кардан лозим аст, ин рафиқ Алӣ Исмоилзода аст, ки дар он вақт муҳаррири ҷаридаи «Зарафшон» буд. Номбурда хеле ёрмандиҳои моддию маънавӣ ба ин ҷарида расонидааст. Албатта, ин ёрмандиро таърихнависони миллат фаромӯш нахоҳанд кард. Имрӯз замони қадам ба соли савум гузаштани ин ҷарида аст. Вале шумораи он акнун ба сад расида. Чаро кам мунташир шудааст? Маълуми хонандагони ҷарида аст, ки мо доим аз хусуси бухрони молии ҷарида шикоятҳо мекардем. Сабаб ҳамон аст.

(Давом дорад).

Сирочиддин ИКРОМӢ.

«Адабиёт ва санъат», 22 августи соли 2024, № 33.

Солҳои охир дар мамлакатамон таҳти роҳбари сарвари давлат оид ба беҳгардонии инфрасохтори маҳаллаҳо, рушди маркази шаҳрҳо, инчунин, ҳудуди деҳаҳои дурдаст ва таъмини фаровонҳолии аҳолӣ ислоҳоти васеъмиқёс ба амал татбиқ мегарданд.

Бинои ширкати хидматрасонии маҳаллаи «Деҳқон арна»-и ноҳия Нуқус дар муддати кӯтоҳ аз нав сохта, ба он 2 электромотороллер ва таҷҳизоти дигари зарурӣ расонида дода шуд. Ҳоло ширкат дар кӯча ва хонаводаҳои оилаҳои камтаъмини маҳалла корҳои кабудизоркуниро оғоз намудааст.

Дар 17 ширкати хидматрасонии маҳаллаи ноҳия шуғли 133 нафар таъмин гардидааст. Шумораи коргарон мувофиқи талаби аҳолӣ афзуда, дар ин ҷо коргарони мавсимӣ низ ба кор ҷалб карда мешаванд.

Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).

МАРҒЕЛОН БА «ИДИ АТЛАС» МИЗБОНӢ МЕКУНАД

19-21 сентябр дар шаҳри Марғелон ҷашнвораи VI байналмилалии анъанавии бофандагии «Иди атлас» баргузор мегардад. Дафтари матбуоти Иттиҳодияи ҷумҳуриявии «Ҳунарманд» мегӯяд, ки дар ин ҷашнвора ҳудуди сад меҳмони хориҷӣ аз 20 кишвари ҷаҳон ширкат хоҳанд кард.

ЮНЕСКО эътироф намудааст, ки Ӯзбекистон бо анъанаҳои бой ва қадимаи ҳунармандӣ машҳур аст. Ин созмони бонуфуз ҷиҳати ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ, мусоидат ба рушди ҳунарҳои мардумӣ ва беҳтар намудани сифат ва ороиши онҳо ташаббусҳои зиёдеро амалӣ менамояд.

Яке аз ин ташаббусҳо баргузории ҷашнвораи байналмилалии анъанавии нассоҷӣ мебошад, ки дар шаҳри Марғелон мегузарад. Он бори аввал соли 2015 дар ин шаҳри қадимӣ баргузор шудааст.

Ҳадафи ин ҷашнвора рушди эҷодкорӣ, ҳифз ва таблиғи мероси фарҳангии ғайримоддӣ, бахусус нассоҷии суннатии мардумӣ, ҳамзамон баланд бардоштани сифат ва ороиши ҳунарҳои мардумӣ дар шаклҳои гуногуни нассоҷӣ мебошад. Ҷашнвора ҳунармандони миллӣ ва байналмилалӣ, коршиносони нассоҷӣ, тарроҳон, истеҳсолкунандагон ва мутахассисони мӯдро муттаҳид намуда, ба эҷодкорӣ мусоидат мекунад.

Интизор меравад, ки ҷашнвораи мазкур пас аз роҳандозии як қатор чорабиниҳо конфронси байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, намоишҳои мӯд ва намоишгоҳҳоро низ баргузор менамояд. Дар доираи он як қатор чорабиниҳо низ барномарезӣ шудааанд, ки дар он сокинони маҳаллӣ ва меҳмонон ширкат мекунанд.

Дар ҷашнвораҳои қаблии «Иди атлас» аз гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон, мисли Тоҷикистон, Малайзия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ҳиндустон, Туркия, Таиланд, Бангладеш, Индонезия, ИМА, Латвия, Олмон, Муғулистон, Италия, Испания, Чин, Фаронса ва амсоли он меҳмонон ташриф оварда буданд.

Дар ин рӯзҳо корҳои омодагӣ дар шаҳри Марғелон ба фарҷом расид.

Ба ҳамин муносибат дар Агентии иттилоот ва коммуникатсияҳои оммавӣ бо ташаббуси Иттиҳодияи ҷумҳуриявии «Ҳунарманд» нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

– Мақсад аз баргузор намудани фестивали «Иди атлас» пеш аз ҳама ҳифз ва тарғиб намудану ба наслҳо мерос гузоштани ин фарҳанги мардумии мо мебошад, — гуфт раиси Иттиҳодияи ҷумҳуриявии «Ҳунарманд» Расулҷон Мирзоаҳмедов. – Саноати бофандагии анъанавии абрешим аз шумори ҳамин фарҳанг маҳсуб меёбад. Дар баробари ин беҳтар намудани шароити зиндагонӣ ба ташаккули иқтисодиёти устувори эҷодӣ хидмат мекунад.

Дар чорабинӣ академики Академияи илмҳои Ӯзбекистон Акбар Ҳакимов таъкид намуд, ки бояд ҷуғрофиёи ширкаткунандагони фестивал доман фарох кунад ва намояндагони кишварҳои дигар низ дар он фаъолона иштирок намоянд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
Далер АЗИЗОВ,
мухбирони «Овози тоҷик».

Вилояти ФАРҒОНА.

ШАТРАНҶ: НОМ ВА ТАРЗИ ҲАРАКАТИ МУҲРАҲОИ ОН

(Аввалаш дар шумораи гузашта).

Анӯшервон он гоҳ доноёни дарборро фаро хонд ва тахтаи шатранҷро дар миён гузошт. Аммо ҳеч кадом натавонистанд рози ин бозиро биёбанд. Пас аз гузашти чанд рӯз, чун Бузургмеҳр ба дарбор омад ва шоҳро гирифтаву талхком дид, аз ӯ масъаларо суол кард. Анӯшервон достонро ба ӯ гуфт. Бузургмеҳр ба шоҳ итминон дод, ки рози ин бозиро хоҳад гушуд.

Ба Кисро чунин гуфт,
к-эй подшо,
Ҷаҳондору бедору
фармонраво.
Ман ин нагз бозӣ ба ҷой
оварам,
Хирадро бад-ин раҳнамой
оварам!

Пас аз як шабонарӯз, Бузургмеҳри хирадманд ба рози бозии шатранҷ пай бурд ва дар баробари фиристодаи Ҳинд ҳама муҳраҳои шатранҷ ва ҷойгоҳи ҳар якро бозгуфт. Анӯшервон аз доноӣ ва хиради Бузургмеҳр чунон шодмон шуд, ки ҷоме пур аз гавҳари шоҳвор ва аспе бо зину барг ба ӯ дод ва вазири донишманди худро офаринҳо хонд. Фиристодаи шоҳи Ҳинд сахт шигифтзада шуда буд:

Гамӣ шуд фиристодаи
Ҳинд сахт,
Бимонд андар он кори
хушёрбахт.
Шигифт андар он марди
ҷоду бимонд,
Дилашро ба андеша
андар нишонд.
Ки ин тахти шатранҷ
ҳаргиз надид,
На аз кордононӣ ҳиндӣ
шунид.
Чӣ гуна фароз омадаш
ройи ин?
Ба гетӣ нагирад касе
ҷойи ин!

Аммо ин достони «Шоҳнома» бо бандубасти достониёш афсонаест. Фирдавсӣ ҳатман бо такя ба ривоятҳои шоеъи замони худ онро қаламдод кардааст. Дар ҳоле ки шатранҷ бисёр пештар аз рӯзгори Хусрави Анӯшервон дар Эронзамин маъруфу маъмул будааст. Мадракҳои мустанад гувоҳ ҳастанд, ки эрониён қабл аз даврони Сосониён, яъне наздик ба ду ҳазор сол пеш бо шатранҷ ошно будааанд. Аз лиҳози таърихӣ, дар ҷаҳон куҳантарин санаде, ки дар он аз вожаи «шатранҷ» сухан рафта, китоби «Корномаи Ардашери Бобакон» аст. Ин дастнавишта дар ҳудуди соли 600 милодӣ ба забони паҳлавӣ (дорои 5600 калима) сабт шудааст. Дар замони Ардавони Панҷум, охирин подшоҳи Ашконӣ, шатранҷ мавриди таваҷҷуҳи дарбориёни он замон будааст. Яъне ҳудуди 17 қарн то замони мо, табақоти мумтози Эрони бостон бо ин ҳунар ошно будааанд. Аз ҷумла, дар «Корномаи Ардашери Бобакон» омодааст (ба паҳлавӣ): «Ва Ардашер ба ёрии Яздон ба чавгон ва саворӣ, чатранг ва дигар фарҳанг бартарӣ ёфт». Дар ин асар мехонем, ки дар замони Ардавони Панҷум, вопасин подшоҳи Ашконӣ (216–226 м.) дарбориёни Эрон бо ҳам шатранҷ мебохтааанд. Ардавон аз доноёни дарбор хоста буд, ки ойини шикор, чавгон, чатранг (шатранҷ) ва дигар ҳунарҳоро ба Ардашер биёмӯзанд. Ба ҷуз «Корномаи Ардашери Бобакон», боз ду навиштаи дигар ба забони паҳлавӣ дар даст дорем, ки ба шатранҷу бозии нард пардохта, дар бораи ин бозӣ огоҳиҳои бисёре додааанд (китоби «Мотикони шатранг (читранг)» ва «Вичоришни шатранг» ё ҳуд «Гузориши шатранҷ»).

Абурайҳони Беруниӣ дар «Осор-ул-боқия» ба ин натиҷа расидааст, ки истилоҳи шатранҷ дар ҳазор сол пеш дар Ҳинд форсиву муъарраб будааст, на ҳиндиву сонскрит. Ва шатранҷе, ки дар Ҳинд бозӣ мекардааанд, аз ин шатранҷ фарқ доштааст: дар шатранҷи ҳиндӣ чаҳор тан бозӣ мекардаанд ва дар як суфраи шатранҷ чаҳор шоҳ будааасту вазир надоштааст ва ҳиндиҳо шатранҷро бо тос бозӣ мекардаанд. Гӯиё ин шатранҷ таклиде аз нарду шатранҷи эрониён буда ва ин бозӣ шабеҳи он чӣ Беруниӣ мегӯяд, назди эрониён ривоҷ доштааст.

Мадраки дигар Ҷоми тиллоии Ҳахоманишӣ аст, ки онро бостоншиноси амрикоӣ Роберт Дайсон дар харобаҳои Ҳасанлӯ (шаҳраки Нақадеҳ, шарқи Эрон) пайдо кард ва ин ҷом бо номи «Ҷоми Ҳасанлӯ» ҳам маъруф асту таърихи 3200-сола дорад. Дар зери ин ҷом нақши сафҳаи шатранҷ ҳаккокӣ шудааст ва он ҳамчун намунае ба мо расида, ки шатранҷ ҳанӯз дар се ҳазор соли пеш дар рӯзгори фарҳангии аҷдоди мо равнақ доштааст. Ҳамчунин соли 1972 дар минтақаи Дилварзини водии Сурхон донаҳои шатранҷ бозёфт шуданд, ки ба аҳди Кушониён мансуб аст. Аз пойтахти қадимии Суғдиён Афросиёб низ 7 донаи шатранҷ ёфт шуд, ки таърихи онҳо ба асрҳои VI-VII мерасад.

Аз ин рӯ, ривояти «Шоҳнома» дар бораи пайдоиши шатранҷ ва чигунагии ошноии эрониён бо он наметавонад дуруст ва пазируфтанӣ бошад.

(Давом дорад).

Обидҷон ШУКУРЗОДА.

Хайриддин СУЛТОН

ҲАМСАРИ АДИБОН

Алишер Навоӣ чаро хонадор нашуд ва дар ин дунёи равшан тоқ гузашт? Бинобар он ки ёри ба дил муносиб наёфт? Равшантараш, идеали ҳаётии ҳазрат дар ин бора хеле баланд будааст. Дар хотир доштагистед: «... ҳам дилаш поку ҳам чашмаш пок, забонаш поку суханаш поку худаш пок». Ба ин гуна талаб муносиб будани фарзанди одам – кори бисёр мушкил-дия.

Дар хусуси он ки аз чӣ сабаб бобои бузурги мо аз ҳаёт танҳо гузаштааст, олимони навоишинос фикрҳои гуногун, тахмину фаразҳо баён кардааанд. Дар байни халқи одӣ бошад афсонаи вобаста ба Гулӣ ба ҳақиқат табдил ёфтааст.

Сухани мухтасар он ки ҳурмату эҳтироми Мир Алишери Навоӣ нисбати зоти зан ниҳоят дар мақоми баланд будааст ва мо ба ин мавзӯъ боз бармегардем.

Ба ҳамаамон аён – асари санъатро соҳибистеъдодҳои ҳақиқӣ меофаранд. Агар ба соҳиби истеъдод бахт ва омад ёр шавад, ба вай рафиқаи ҳаётии садоқатнок ва фидоӣ насиб мегардад. Ва, баръакс, эҷодкор ба зани нобоб дучор ояд, ҳаёти ӯ ба ҷаҳаннам табдил меёбад.

Ҳаёти якҷои Фёдор Достоевский ва Анна Сниткина қиссаи муҳаббат бошад, ҳаёти оилавии Лев Толстой ва Софя Андреевна драмаи беохир аст.

Дар поёни умр манзараи мачбуран хонадони қадрдони худро партофта рафтани графи куҳансол қуллаи пуризтироби ҳамин драма мебошад.

Замонҳо гузашт, урфу одатҳо, нуқтаву назарҳои ҳаётӣ дигаргун шуд, аммо дар рӯйи замин муаммое, ки ба аҳли эҷод дахлдор аст, дигар нагашт.

Ҷамъияти ӯзбек низ аз ин мустасно нест. Дар адабиётамон занҳое кам нестанд, ки ба шоиру нависандагон ҳаммаслак буда, онҳоро ба корҳои бузург илҳом бахшидаанд, ба хурсандиву андӯҳи ҷуфти ҳалол шарик будаанд ва шарик ҳастанд. Зумрае аз онҳо дар таърихи адабиёт мавқеъ доранд.

Аслан дар ин дунё зани ӯзбек шудан қисмати вазнин аст. Ба шоир ё нависандаи ӯзбек рафиқаи ҳаётӣ шудан бошад, агар гӯям, ки аз ин даҳ не, садчандон вазифаи машаккатнок аст, инсонҳое, ки ин гуна тақдирро аз сар гузарондааанд, ба фикрам ҳамроҳ мешаванд.

Ба занҳое, ки ҳам худашон, ҳам шавҳарашон эҷодкор аст, боз душвортар. Ҷиҳатҳои мусбату манфии ин гуна ҷуфтҳоро танҳо аз сар гузарондаҳо медонанд.

Вақте Ҳамид Олимҷон ба туфайли садамаи мудҳиш ҳалок гашт, шоира Зулфия бистуҳашт сол дошт. Он рӯз ба дасташ ҳино баста, пардоз карда будааст. Аз фоҷиаи даҳшатнок карахт шуда, дар сари тобут фарёд задааст, ки «Дастамро бурида партоед!» Аз ин хусус онҳое, ки ба воқеа гувоҳ будааанд, дар хотираҳои ҳуд навиштааанд.

Аз байн солҳои зиёд гузашту Зулфияапа ин сатрро навишт: «Маро халоиқ зани бахтнок мегуфтааст». Таҳти калимаи «мегуфтааст» чӣ қадар ҳасрат ниҳон аст.

Ба сухан рондан дар бораи адибон ва ҳамсарони шӯрпешонии онҳо, ки дар солҳои сиюми қарни бистум дар осиёби табъид лат хӯрдаанд, дил тоқат намекунад.

Дар солҳои панҷоҳум, ки замон андак ором шуда буд, аждари қатағон боз сар бардошт. Чӣ қадар зиёиҳои эҷодкор ба балои туҳмат дучор шуда, ба муҳлати дароз ҳабс шуданд. Ҳамсарони ҷафокаши онҳо ба зарбаи ҳалокатовар гирифтор гаштанд. Лекин Сакинахонум Мақсуд Шайхзодаро, Саида Зуннунова Саид Аҳмадро, Турсуной Алимова Шуҳратдомуллоро,Мунаввар Юсупова шоир Шукруллоро, Фозила Сулаймонова аллома Ҳамид Сулаймонро ва боз занҳо – бонувон соҳиби сари ҳудро бо сабру тоқат, умед ва боварӣ, садоқат ва ҷасорат интизорӣ мекашиданд.

Дар хонадони Саид Аҳмад ва Саида Зуннунова, ки ҳамагӣ шаш моҳ ҳамроҳ зиста, ба дидори якдигар сер нашуда буданд, фалокат рӯй дод: ҳамсари шоира дар ҷиноят алайҳи сохтори шӯравӣ ноҳақ айбдор шуда, ба ҳабси биступанҷсола ҳукм гирифт.

Саида Зуннунова бо туҳмати «зани душмани халқ» аз рӯйиҳати узвияти Иттиҳоди нависандагон хат зада ва аз кор ронда шуд. Ба рӯйи вай тамоми роҳҳо, кулли дарҳои имконият баста шуда буданд.

Вақте ба идораҳои дахлнок ҷеғ зада, талаб гузоштанд, ки: «Аз бахри шавҳарам, ки душмани халқ аст, мебароям, гуфта дар матбуот баромад мекунӣ, дар акси ҳол аз партия меронем», шоира гуфт: «Партияе, ки касро аз ёри дӯстдошташ, аз рафиқи ҳаётии бегуноҳаш ҷудо месозад, ба ман лозим нест». Вай партбилеташро партофт ва баромада рафт.

Саидаапа бо сари занӣ ва ҷуссаи хурди синчалаквор ҷасорате нишон дод, ки на аз дасти ҳар инсон меояд. Бо иродаи мустаҳкам ва матонати қавӣ ба ҳама намуна гардид. Вай дар яке аз шеърҳояш навиштааст, «дар қаноат филча» буду бо хориву зорӣ умр ба сар бурд. Лекин бовариашро ба адолат, ба ҳақиқат ва муҳаббату садоқат, як лаҳза бошад ҳам гум накард. Фақат ба ёди рӯзҳои равшан рӯз гузаронд, бо ҳамин умед шеърҳои зебо навишт.

Соли 1956 Сталин вафот кард. Шоиру нависандагоне, ки дар қатори ҳазорон маҳкумон ба оилаи ҳуд баргаштанд, ба ёрҳои вафодори ҳуд дил изҳор карданд: «Чӣ хел амон монданамро фақат ба ту мегӯям, ҳамрозам, фақат ту маро пешвоз гирифтӣ, бузург буд бардошти ту».

Рӯзҳои равшан фаро расида, авлоди миннатдор ба шарафи ду зани бардошти бузургдор – Зулфияхонум ва Саидахонум ҳайкал гузоштанд.

«Шавҳарро мард мекардагӣ ҳам, гард мекардагӣ ҳам зан аст». Ба кадом як маъно, шоирро шоир, нависандаро нависанда мекардагӣ ҳам зани ӯст.

Худатон фикр кунед, бе меҳру садоқат ва ҷонфидоии рафиқаҳои ҳуд, яъне бе Муҳаррамахон Ғуломова – Ғафур Ғулом, бе Зарифахонум – Ойбек, бе Кибриё Қаҳҳорова – Абдулло Қаҳҳор, бе Розахонум – Асқад Мухтор, бе Хурсандой Рашидова – Шароф Рашидов, бе Марям Ёқубова – Одил Ёқубов, бе Софияхонум – Пиримқул Қодиров, бе Зуҳра Умарбекова – Ўлмас Умарбеков мо медонистагӣ адиби бузург ва арбоб шуда мебаромаданд?

Эҷодкор одами ин дунё нест, мегӯянд. Вай ҳамеша бо хаёлҳои ҳуд фаромӯшхотир мегардад, аксарият дар корҳои рӯзгордорӣ бетаҷриба, мумкин аст хонааш, ташвишҳои рӯзгорро тамоман аз хотир фаромӯш ҳам карда бошад.

Баъзан ҳафтаҳо, моҳҳо дар сафарҳои эҷодӣ мегардад. Гоҳо то субҳ дар даврои дӯстон монда рафтанаш ҳам будагӣ гап. Гоҳо сархуш не, тамоман маст ба хона баргаштанаш ҳам сир нест.

Дар ҳамин гуна «лаҳзаҳои беситора»-и эҷод «эрка»-гӣ, дар дамҳое, ки кораш пеш намеравад, инчиқӣ ва таҷангиашро мебардоштагӣ, табиати дарвешонаашро мефаҳмидагӣ, ба феъли мачнунвораш сабр мекардагӣ, сабр-чӣ, намунаи олии субот нишон медодагӣ кӣ аст?

Албатта, мухлиси оташин ва дӯсти беминнати ӯ рафиқаш – чун ба танқид дучор гашт, аз вай бештар азият мекашидагӣ, таҳсин шунавад, аз ҳама зиёд хурсанд мегаштагӣ, дар оне кулли заҳмат ва ғурбате, ки кашид, фаромӯш мекард зоти садоқатнок.

(Давом дорад).

Аз китоби «Навоӣ–30» тарҷумаи Муҳаммад ШОДӢ.

Мусоҳиба

СЕРТИФИКАТИ МИЛЛӢ БАРОИ ХОНАНДАГОН ЧӢ ГУНА ИМТИЁЗҲО МЕДИҲАД?

«Аз фанни биология тест супорида, сертификати дараҷаи А-ро ба даст овардам».
«Аз забони англисӣ сертификати дараҷаи С1 гирифтам».
«Дар имтиҳони қабул аз фанни асосии маҷмӯи фанҳо ва фанҳои ҳатмӣ холи максималиро соҳиб шудам».
«Теъдоди зиёди довталабоне, ки сертификатҳои миллӣ ва хориҷӣ доштанд, донишҷӯ гардиданд»...
Вақтҳои охир чунин маълумоту ҳангомаҳоро бисёр мехонем ва мешунавем. Яке бо ифтихор аз комёбии фарзанди худ мегӯяд, дигаре соҳиби сертификат гардидани шогирдашро эътироф менамояд.
Албатта, касе, ки ислоҳоти соҳаи таълимро пайгирӣ мекунад, аз имтиёзоти чунин сертификатҳо бохабар аст. Аммо аксар дар ин бора маълумоти кофӣ надоранд. Аз ин рӯ, мо дар мавзӯи тартиби гирифтан ва имтиёзҳои сертификати миллӣ аз фанҳои таълими умумӣ бо сарвари Садорати рушди технологияи тести Агентии баҳодиҳии дониш ва таҷрибаи назди Вазорати таълими олӣ, фан ва инноватсия Зафарбек ОЛИМБЕКОВ суҳбат кардем.

– Нахуст дар бораи тартиби тақдими сертификатҳои миллӣ аз фанҳои таълими умумӣ маълумот медодед...

– Дар асоси Қарори Девони Вазирон аз 12 октябри соли 2020 «Дар бораи ҷорӣ намудани системаи миллии тести баҳодиҳии сатҳи дониши фанҳои таълими умумӣ» аз 1 декабри соли 2020 системаи миллии тести баҳодиҳии сатҳи дониш аз фанҳои таълими умумӣ, ки ба маҷмӯи фанҳои самтҳои таълимии бахши бакалавр мувофиқанд, зина ба зина роҳандозӣ гардид.

Объекти асосии қарори мазкур довталабон мебошанд ва ҳоло мувофиқи ин ҳуҷҷати меъёрӣ донишомӯзони мактабҳои ҳамагонӣ метавонанд аз нӯҳ фан – забон ва адабиёти ӯзбек, забон ва адабиёти рус, забон ва адабиёти қароқалпоқ, математика, кимиё, биология, физика, география ва таърих соҳиби дараҷаҳои гуногуни сертификатҳои миллӣ гардида, имтиёз ба даст ованд.

– Чӣ гуна дараҷаҳои сертификатҳои миллӣ мавҷуд ва дар асоси онҳо ба донишомӯзон чӣ хел имтиёзҳо дода мешавад?

– Дар асоси қарори Девони Вазирон низом «Дар бораи аниқ кардани сатҳи дониш аз фанҳои таълими умумӣ ва тартиби тақдими сертификат» тасдиқ гардидааст.

Мувофиқи ин низом довталаб барои иштирок дар санҷишҳои тести сертификати миллӣ аз фанни дилхоҳи таълими умумӣ пеш аз ҳама тавассути Портали ягонаи хидмати давлатии интерактив аризаи электронӣ мефиристад ва ба андозаи 1,5 баробари ҳисоби базавӣ (ҳоло 562500 сӯм) пардохт мекунад.

Баъд аз иштирок дар санҷиши тест, ба хонанда мувофиқи холи гирифтааш сертификати миллии дараҷаҳои А+, А, В+, В, С+, С ба тариқи электронӣ тақдим мегардад.

Довталабе, ки беш аз 70 хол ҷамъ мекунад, соҳиби сертификати миллии дараҷаи А+ мешавад. Агар аз 65 то 69,9 хол ҷамъ кунад, сертификати миллии дараҷаи А тақдим мегардад.

Ба донишомӯзоне, ки сертификати дараҷаҳои А+, А-ро ба даст меоранд, дар санҷишҳои тест аз рӯйи қабул ба зинаи бакалаври муассисаҳои таълими олӣ аз ҳамон фанне, ки сертификат гирифтаанд, холи максималии муқаррарӣ дода мешавад.

Агар довталаб дар санҷишҳо 60-64,9 хол гирад, дараҷаи В+, 55-59,9 хол гирад дараҷаи В, 50-54,9 хол ба даст орад, дараҷаи С+ ва агар аз 46 то 49,9 хол ҷамъ намояд, сертификати миллии дараҷаи С тақдим мегардад.

Ба донишомӯзоне, ки сертификатҳои миллии дараҷаҳои В+, В, С+, С ба даст овардаанд, нисбат ба холи умумии сертификат аз ҳамон фанни таълими умумӣ дар асоси фоиз холҳои пропорсионалӣ дода мешавад.

Ғайр аз ин, ба абитуриентоне, ки соҳиби сертификати миллӣ ҳастанд, аз фанҳои ҳатмии дахлдор холи баландтарин тақдим мегардад.

Бояд гуфт, ки муддати амали ин сертификатҳо се сол аст.

– Саволҳои тест чӣ гуна таҳия мегарданд?

– Дар қарор муқаррар гардидааст, ки саволҳо дар асоси стандартҳои давлатии таълим ва мувофиқи барномаҳои таълимии соҳтор тартиб дода мешаванд. Хуб медонем, ки стандартҳои таълим талабҳо ва барномаҳои таълимӣ мазмуни таълимро муқаррар менамоянд. Аз ин рӯ, мо ҳангоми тартиби саволҳо бештар ба барномаҳои таълимӣ такя мекунем. Мо барои гирифтани сертификати миллӣ ягон адабиётро тавсия намедиҳем. Чунки саволҳоро дар асоси барномаҳои дилхоҳи таълимӣ ташаккул медиҳем ва нафаре, ки ба тест тайёрӣ мебинад, барои аз худ кардани мавзӯъ ҳама гуна китоби дарнома пешниҳодшударо метавонад мутолиа кунад.

Мо танҳо аз фанҳои забон ва адабиёти ӯзбек, забон ва адабиёти рус, забон ва адабиёти қароқалпоқ барои довталабон рӯйихати чил адабиётро дар саҳифаи расмии худ пешниҳод мекунем. Чунки дар раванди тест аз таҳлили асарҳо низ саволҳо меояд ва барои дарёфти ҷавоби он довталаб бояд онро хонда бошад.

Бояд гуфт, ки саволҳои тест барои гирифтани сертификати миллӣ нисбат ба саволҳои тест аз рӯйи қабул ба муассисаҳои таълими олӣ мураккабтаранд. Чунки моҳияти онҳо аз ҳам фарқ мекунад. Саволҳои тест аз рӯйи қабул ба муассисаҳои таълими олӣ характери интихобиро соҳиб бошад, тестҳои сертификати миллӣ аз фанни таълими умумӣ мукаммалтар буда, сатҳи дониши довталабонро муайян месозад. Яъне, кадом хонанда фанро бештар, беҳтар ва мукаммалтар медонад, аниқ менамояд.

– Натиҷаҳои тест чӣ хел ҳисоб карда мешавад?

– Пештар натиҷаҳо аз ҷониби коршиносон баҳогузорӣ мешуд. Як сол пеш мо методикаи баҳогузориро дигар кардем ва акнун натиҷаҳо дар асоси методикаи байналмилалӣ – модели Раш ҳисоб карда мешаванд. Ҳоло дар тамоми ҷаҳон аз ин метод истифода мебаранд.

Бартарияти методикаи Раш дар он аст, ки ин модел ҳар як ҷавобро таҳлили илмӣ намуда, сатҳи душвории саволро аниқ мекунад ва вобаста ба дараҷаи душвор ё осон будани он баҳо медиҳад. Бо як сухан, дар ин методика баҳодиҳии дараҷаи дониши хонандагон боз ҳам амиқтар сурат мегирад.

– Медонем, ки таълим дар давлати мо бо ҳафт забон роҳандозӣ шудааст. Оё саволҳои тест барои гирифтани сертификати миллӣ аз фанҳои таълими умумӣ ҳам бо ин ҳама забонҳо тақдим мегардад?

– Не. Мо барои ин имконият надорем ва ин сабабҳои хосаи худро дорад. Якум, ба дигар забонҳо тарҷума ва барои донишомӯзон дастрас кардани тест қувваи корӣ иловагиро талаб мекунад. Аммо дар мо штатҳои корӣ хеле маҳдуд аст. Дувум, масъалаи бехатарии ахбор вучуд дорад ва дарёфтани кормандони эътимоднок низ мушкил мебошад. Чунки пӯшида мондани саволҳо ва то ба охир расидани ҷараён ошкор нагардидани онҳо муҳим аст.

Мо ҳар сол барои тарҷумаи саволҳои тест барои қабули довталабон ба зинаи бакалаври муассисаҳои таълими олӣ мутахассисонро дар асоси шартнома ҷалб карда, дар шароити маҳдуд кор мефармоем. Яъне онҳо то анҷоми ҷараён, ки қариб ду моҳ идома меёбад, дар ҷойи кор мемонанд. Ва на ҳар кас ба ин шарту шароит розӣ мешавад. Аз ин рӯ, мо саволҳоро танҳо бо се забон – ӯзбекӣ, русӣ ва қароқалпоқӣ тақдим менамоем.

– Дар анҷоми сӯҳбат дар бораи статистикаи донишомӯзоне, ки соҳиби сертификати миллӣ ҳастанд ва донишҷӯ гардидаанд, маълумот медодед...

– Имсол ба муассисаҳои таълими олии ҷумҳурӣ 13658 нафар довталабон, ки соҳиби сертификати миллӣ аз фанҳои таълими умумӣ мебошанд, ҳуҷҷат супориданд.

Бино ба ҳолати оғози соли таҳсили 2024-2025 аз онҳо 11763 нафар, яъне 6047 нафар дар асоси гранти давлатӣ ва 5716 нафар дар асоси шартнома ба донишҷӯӣ тавсия гардиданд.

Вақте сертификатҳои миллиро дар қиёси фанҳои таълими умумӣ таҳлил мекунем, аён мегардад, ки теъдоди зиёди хонандагон аз фанҳои забон ва адабиёти ӯзбек (5817 нафар), кимиё (3633 нафар), биология (1637 нафар) ва таърих (1636 нафар) сертификати миллӣ ба даст овардаанд.

Мусоҳиб
Фаридуни ФАРҲОДЗОД,
мухбири «Овози тоҷик».

ЧЕМПИОНҲОИ ОЛИМПИАДА

бо тантана пешвоз гирифта шуданд

Дар бозиҳои XVII паралимпии Париж ҳамватанонамон ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардиданд. Онҳо якчанд рӯз пеш бо тантана пешвоз гирифта шуданд.

Солҳои охир дар қатори дигар соҳаҳо дар варзиш низ муваффақиятҳо ба даст дароварда шуда истодааст. Ба қарибӣ дар Бозиҳои олимпии тобистонаи Париж варзишгарони кишварамон соҳиби медалҳои тилло, нукра ва биринҷӣ шуданд ва ин дастовардҳо ба иди истиқлолият тӯҳфаи арзанда гардид.

Хурсандиовар аст, ки натиҷаҳои таърихии онҳоро паралимпиячиёнамон давом дода, якчанд медали тилло, нуқра ва биринҷиро ба даст дароварданд.

Дар ин мусобиқаи байналхалқӣ, ки аз вилояти Намангон Толиббой Йӯлдошев (соҳиби тилло ва биринҷӣ), Нурхон Қурбонова (тилло ва биринҷӣ) ва Кумушхон Хӯҷаева (нуқра) иштирок карда буданд, роҳбарони вилоят, собиқадорони меҳнат ва вакилони ҷавонон дар назди «Дарвозаи водӣ» – ағбаи «Қамчиқ»-и ноҳияи Поп бо тантана пешвоз гирифтанд.

Дар чорабинӣ таъкид карда шуд, ки варзишгарони кишвари мо қаҳрамони ҳақиқӣ гардида, дар байни 168 кишвари ҷаҳон ҷойи 13-ум, аз ҷумла дар Осиё ҷойи сеюм, дар байни кишварҳои узви ИДМ ва минтақаи Осиёи Марказӣ ҷойи аввалро ба даст дароварданд ва намангониён дар байни варзишгарони ҷумҳуриамон пешқадам шуданд.

– Вақте мадҳияи кишварамон садо дод, аз чашмам ашки хурсандӣ рехт. Ин ҳолати фараҳбахшро мехоҳад ҳар як варзишгар аз сар гузаронад, – мегӯяд чемпиони олимпиада, соҳиби медали тилло ва биринҷӣ, соҳиби унвони фахрии «Ӯзбекистон ифтихори» Толиббой Йӯлдошев. – Ман ба боварии халқ, ба боварии роҳбари давлатамон сазовор шудам. Боз аз он шодам, ки ҳокими вилоят ба хонаамон омада, падару модарамро табрик намуданд. Ин эътибор ба ман боз ғайрату шуҷоат бахшид. Дар мусобиқаҳои оянда ба муваффақиятҳо ноил гашта, байраҳои Ватани маҳбубамро боз ҳам баланд мебардорам.

Инчунин падару модарони чемпионҳо ба сухан баромада, барои ҳамаи имкониятҳо, ки барои варзишгарон фароҳам оварда шудааст, миннатдории худро изҳор карданд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Намангон.

Касбам – ифтихорам

УМРЕ, КИ БАҲО БУВАД ҒАРОНАШ...

Соҳаи тандурустӣ яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор рафта, имрӯзҳо дар кишварамон ба пешрафти соҳа ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таваҷҷуҳи хоса дода мешавад.

Дарвоқеъ барои инсон саломатӣ дар ҷойи аввал аст. Аз ин лиҳоз, хидмати беминнати табибон ва ҳамшираҳои тиббӣ, ки саломатии инсонро ҳифз мекунанд, ба онҳо мададгор мебошанд, шоёни таҳсин мебошад.

Тибби муосирро бе иштироки ҳамшираҳои шафқат тасаввур кардан ғайриимкон. Аз раванди гузаронидани амалиёт дар асоси технологияи пешрафта то нигоҳубинии бемор пас аз ҷарроҳӣ, соҳаи диагностикию лабораторӣ, бобати баланд бардоштани маданияти тиббӣ дар оила нақши ҳамшираҳои тиббӣ беҳамто аст.

Аз ин рӯ, бо ташаббуси Сарвари давлат дар кишварамон оиди рушди минбаъдаи низоми таҳсилоти тиббӣ ва фарматсевтика системаи комилан нави тайёр кардани кадрҳои миёнаи тиббӣ ҷорӣ карда шуд. Гуфтан бамаврид аст, ки дар мамлакатамон ҳамшираҳои тиббии ба кори худ садоқатманд дар ҷабҳаҳои соҳа пурсамар кор мекунанд.

Яке аз чунин фидокорони касби худ, ҳамшираи калони шуъбаи реанимасияи Иттиҳодияи тиббии ноҳияи Косонсойи вилояти Намангон – Раъно Дӯсматова мебошад. Ӯ соли 1975 дар ноҳияи Косонсой таваллуд ёфтааст. Пас аз хатми коллеҷи тиббӣ дар шуъбаи бемориҳои дарунии беморхонаи марказии ноҳия дар вазифаи ҳамшира, аз соли 2019 ҳамчун ҳамшираи калон фаъолият мебарад. 30 сол дар як соҳа, 6 сол айнан дар як вазифа кор кардан, таҷриба ва масъулияти калон аст. Ӯ намояндаи соҳаест, ки марҳилаҳои рушди соҳаи тибби кишварамонро зина ба зина пайгирӣ намуда, моҳияти ислоҳотро дар фаъолияти худ иҷроиҳкос менамояд.

– Малака барои ҳамшираи тиббӣ зарур аст, – мегӯяд дар мусоҳиба бо мо Р. Дӯсматова. – Фақат коркунони тиббиеро, ки дониши мустаҳкам ва таҷрибаи кофӣ дорад, соҳибихтисос номидан мумкин аст. Мо саъй менамоем, ки навовариҳоро дар соҳа дар асоси курсҳои омӯзишӣ, мубодилаи таҷриба, анъанаи устоду шогирд васеъ татбиқ намоем.

Қаҳрамони мо ҳамеша дар андешаи беморони худ аст. Дар хусуси савганди худ дар назди Гипократи бузург ёд мекунад, ба беморе, ки бо чашми умед назар меафканад, дасти ёрӣ дароз мекунад, якеро таскин мебахшаду ба дигаре бо шеваи зебои худ суҳбат мекунад, қалби якеро гӯш медиҳаду ба дигаре оромӣ мебахшад.

Дарвоқеъ, шахсе, ки аз домони устодон маҳкам доштааст, ҳатман комёб мегардад. Раъно модараш – Санобарҷон Қосимоваро устоди аввали худ мешуморад, ки ҳамчун сарҳамшира 30 сол дар хидмати мардум шудааст. Инчунин аз дарси фидоиёни тибби ноҳия – Исроилҷон Убайдуллоев, Файзулло Ҳафизов, Хурматой Абдуллоева, Гулбаҳор Дадаҷоновро баҳраманд шудааст. Ӯ аз устодонаш на танҳо асрори касб, балки таҷрибаи ҳаётро низ омӯхт. Имрӯзҳо онро бо таҷрибаю имконоташ пайваста, ба шогирдонаш меомӯзад.

Раъно Дӯсматова барои хидматҳои шоёнаш соли 2019 бо қарори Президент бо медали «Шуҳрат» сарфароз гардид. Дар озмуни «Ҳамшираи сол» сазовори ҷойи фахрӣ, соҳиби ифтихорномаю нишони сарисинагӣ шуд.

– Раъно яке аз ҳамшираҳои аз ҳар ҷиҳат намунаи ибрат аст. Ӯ бо саъю кӯшиш ва фаъолнокиаш дар татбиқи васеи навоварию қонуну санадҳои марбут ба соҳа обрӯю эътибор пайдо кард, – мегӯяд сардухтури шуъбаи реанимасия Шодмонхон Акрамов. – Маҳз ба шарофати ҳамшираҳои фидокору ба касби худ содиқ, ислоҳот дар соҳаи тиб натиҷаи чашмдошти худро медиҳад.

Ӯ бо ҳамин шавқу завқ ва меҳру муҳаббат дар оила низ кохи бахтро ба вучуд оварда тавонистааст. Ҳамроҳи ҳамсараш як писару як духтарро ба воя расонданд. Писараш Ҷаҳонгир ба модараш пайравӣ намуда, касби духтуриро интихоб кард. Ҳоло донишҷӯйи Донишкадаи педиатрии Тошканд мебошад.

Умр ба инсон як бор муяссар мегардад. Онро бояд барои илм омӯхтану касби дуруст интихоб кардан сарф намуд, то умри азиз беҳуда нагзарад. Ифтихори ҳар як соҳибкасб моияи ранҷи пурмаҳсулест, ки танҳо аз ҳунари воло ва касби пуршараф ба даст меояд. Чи тавре шоир фармудааст:

Сармояи умр бас азиз аст,
Дарёб, ки ин нафас азиз аст.
Умре, ки баҳо бувад ҳаронаш,
Бо ҳар баду нек магзаронаш.

Раъно Дӯсматова, ки умри худро ба ҳифзу таҳкими солимии мардум бахшидааст, то ҳол дар пешрафти соҳа саҳми арзанда мегузорад.

Махфират МАМАҶОНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».
Вилояти НАМАНГОН.

Нуқтаи назари депутат

СУҒУРТАИ ДАВЛАТИИ ТИББӢ:

АЗ АҲОЛӢ ПАРДОХТИ ИЛОВАГӢ СИТОНИДА НАМЕШАВАД

Ҷомеаи солим, тандурустии аҳолӣ мақсади стратегии давлат, яке аз шартҳои муҳими бехатарии миллӣ ба шумор меравад. Зеро танҳо инсони солим метавонад ба оянда бо нигоҳи умед назар кунад ва якҷоя бо оилаи худ баҳри ободии ватан талош намуда, ғояҳои нав ба навро дар ҳаёт татбиқ созаду дар пешрафти кишвар саҳм гузорад.

Аз ин рӯ, дар мамлакатамон дар қатори дигар соҳаҳо, бобати такмилдиҳии низоми ҳифзи тандурустӣ ва куллан беҳтар намудани он як қатор фармону қарорҳои Президент имзо мегардданд. Дар замири ин ҳама танҳо як мақсад – роҳ ёфтан ба дили нафароне, ки нияти шифо доранд, ташкили хидмати босифати тиббӣ, бартарафсозии монеаҳои бюрократии система ниҳон аст.

Агар ба рақамҳо эътибор диҳем, аён мегардад, ки дар ҳафт соли охир маблағҳои ба соҳа ҷудошуда ба таври назаррас афзудааст. Танҳо дар соли 2024 аз буҷет ба соҳаи тиб ҷудо кардани 33,4 триллион сӯм пешбинӣ гардида, ин рақам нисбат ба соли 2016 шаш маротиба бештар аст.

Дар натиҷаи ин ҳама саъю кӯшишҳо хидматрасонии тиббии босифат, самаранок ва мусоид ба аҳолӣ афзуд. Шабакаи муассисаҳои табобатӣ васеъ гардида, хизмати тиббӣ ба мардум боз ҳам наздиктар шуд. Поликлиникаҳои оилавӣ ва бунгоҳҳои шифокории оилавии нав ташкил ва дар бахши ибтидоӣ системаи комилан нави профилактикаи тиббӣ ва хизмати патронажӣ ҷорӣ гардид.

Инчунин, бобати мустаҳкамсозии саломатии репродуктивии аҳолӣ, ҳифзи саломатии модару кӯдакон як қатор барномаҳои миллии мақсаднок амалӣ шуданд. Аз ҷумла, дар назди муассисаҳое, ки ба модару кӯдакон хизмат мерасонанд, Марказҳои ҷумҳуриявии махсуси илмию амалии тиббии саломатии модар ва кӯдак ва 14 филиали он ташкил мегардад.

Маҳз ба туфайли чунин эътибору ғамхориҳо ба саломатӣ ва некуаҳволии мардум, дар маҳалла ва ҳатто дар хонадонҳо хидматрасонии тиббӣ-санитарӣ роҳандозӣ гардида, сифати хидмати тиббӣ дар марказҳои табобатӣ беҳтар шуд ва ҳоло аҳолӣ доруҳои аввалиндараҷаи заруриро метавонанд аз бахши ибтидоии тиббӣ дастрас намоянд.

Бояд гуфт, ки дар натиҷаи чорабиниҳое, ки дар низоми ёрии таъҷилӣ ва зудамали тиббӣ татбиқ мегардданд, ҳамасола дар муассисаҳои ёрии таъҷилии тиббӣ зиёда аз 900 ҳазор нафар беморон ба таври статсионарӣ табобат карда мешаванд. Инчунин, беш аз 1 миллион нафар беморон ёрии амбулатории тиббӣ мегиранд. Умуман гирем, аз ҷониби хидмати ёрии таъҷилии тиббӣ дар як сол барои иҷрои қариб 13 миллион даъватҳо шароитҳои зарурӣ фароҳам шудааст.

Бояд гуфт, ки чунин эътибору ғамхориҳо ба ин соҳа беҳуда нест. Чунки дар бахши ибтидоӣ мустаҳкамсозии саломатии аҳолӣ, саривақтӣ ошкор ва табобат кардани беморӣ муҳим аст. Аз ин рӯ, ислоҳотро дар ин самт пас аз омӯхтани талабот ва эҳтиёҷоти мардум, бахусус аҳолии минтақаҳои дурдаст зина ба зина амалӣ намудан мувофиқи мақсад мебошад.

Чанде пеш Президент Шавкат Мирзиёев ҳангоми шиносоӣ бо тақдимоти такмилдиҳии бахши ибтидоии системаи ҳифзи тандурустӣ, инчунин, ҷорӣ намудани механизмҳои суғуртаи тиббӣ, ба ин масъала диққат дода, вазифаҳои устувори самтро муайян кард.

Тавре зикр гардид, яке аз ислоҳоти муҳими соҳаи тандурустӣ – суғуртаи тиббӣ мебошад. Дар ин бобат корҳои муайян оғоз ёфта, аллакай омодагӣ дида шудааст. Бахусус, аз 1 октябри соли равон дар шаҳри Тошканд ва вилояти Сирдарё, аз 1 январи соли 2025 дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон роҳандозӣ намудани системаи суғуртаи давлатии тиббӣ пешниҳод гардидааст.

Бо ин мақсад, то охири соли 2024 ҷорӣ намудани системаҳои ахбории «Поликлиникаи электронӣ» ва «Шифохонаи электронӣ», бозомӯзии кадрҳои тиббӣ аз рӯйи тарзи истифодаи онҳо, бо техникаҳои зарурӣ ва дастгоҳҳои системавӣ таҷҳизонидани муассисаҳо дар назар аст, ки ин ҳама аз ислоҳоти васеъмиқёс дар Ӯзбекистони Нав, бахусус, аз эътибор ба саломатии мардум гувоҳӣ медиҳад.

Аҳамияти ин система дар он аст, ки минбаъд дар соҳаи тиб усулҳои маблағгузорӣ вобаста ба натиҷа амалӣ мешавад. Муҳимтар аз ҳама, хидматрасонии тиббӣ ва таъмини доруворӣ дар доираи суғурта аз ҳисоби буҷаи давлатӣ сурат мегирад ва аз аҳолӣ маблағи иловагӣ ситонида намешавад.

Хулоса, ҳоло мардум натиҷаи ислоҳотеро, ки дар соҳаи тандурустӣ амалӣ мегардад, дар ҳаёти рӯзмарра, зиндагонии худ эҳсос ва дар ҳар қадам эътироф мекунанд. Саривақтӣ иҷро намудани вазифаҳои муайяне, ки дар рафти тақдимот муқаррар гардиданд, аз мо, депутатҳо низ якдилӣ ва фаъолиро талаб мекунад. Воқеан, барои инсон сарвате бартар аз саломатӣ нест ва моро зарур аст, то инро дар байни аҳолӣ, бахусус, ҷавонон, зану духтарон васеъ тарғиб намоем.

Музаффара АБДИЕВА,
депутати Палатаи қонунгузории
Олий Маҷлис.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-928.
Адади нашр 4188. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.